Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори илмҳои иқтисодӣ, Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ).**

## 1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Ҳабибуллозода М.Ҳ. дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мувофиқат мекунад: 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 22. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.

Аҳамияти мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба равандҳои бавуқуъоянда дар самти рушди

технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва рақамикунонии босуръати равандҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатӣ хусусияти электрониро касб намуда истодааст. Махсусан, болоравии тақозо ба хизматрасониҳои рақамӣ, беҳтаргардии раванди идоракунии давлатӣ, болоравии дастрасии тамоми табақаҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, рушди технологияи инноватсионӣ, авҷгирии рақобат ва пайгирии брендҳои глобалӣ усули анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро камаҳмият гардонида, таваҷҷӯҳро ба рақамикунонии он зиёд кардааст. Ҳамзамон интизории шаҳрвандони бархурдоргашта аз афзалиятҳои ҷомеаи рақамӣ зарурати дарёфти роҳу усулҳои дастёбӣ ба шаклҳои рақамии хизматрасониҳои давлатӣ муҳим гардонида, талаботро ба сифат, суръат ва қулайии чунин хизматрасониҳо зиёд мегардонад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳлили таҳқиқоти олимони маъруф дар самти хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба хулоса омадааст, ки таҳқиқи иқтисоди рақамӣ ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули он ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, зеро паҳлӯҳои муҳими масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявию амалӣ, методиву методологӣ ва рушди стратегии он таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд.

Муҳимияти мавзуи баррасишаванда ба таҳқиқи васеъи болозикр алоқаманд аст. Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибуллоро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст. Ҳадафи таҳқиқот инкишофи муқарраროти илмии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва асосноккунии таъмини шароити мусоид барои рушди иқтисоди рақамӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мебошад, ки дар шароити муосир мубрам маҳсуб меёбад.

**3. Дарачаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда дар он таҷҷасум меёбад, ки муқаррароти илмӣ - амалӣ оид ба такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба тарзи маҷмӯи бо низом арзёбӣ гардидааст. Натиҷаҳои назарраси илмии диссертатсия аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст:

1. Масъалаҳои назариявии таҳқиқи мафҳумҳои «хизматрасониҳои давлатӣ» ва «хизматрасониҳои давлатии электронӣ» равшан карда шуда, равишҳо ва принсипҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба низом даровaрда шудаанд. Таърифи муаллифии мафҳуми «хизматрасониҳиҳои давлатии электронӣ» пешниҳод шудааст, ки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дарк карда мешавад. Таснифоти муаллифии хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти сатҳи камолоти рақамии низоми идоракунии давлатӣ ва дараҷаи рақамикунонии онҳо пешниҳод шудааст. Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатӣ вобаста ба рақамикунонӣ васеъ карда шуда, тамоюлҳои асосии рақамикунонии онҳо муайян карда шудааст.

2. Равандҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз ҷиҳати методологӣ равшан ва асоснок карда шуда, коркарди равишҳои ҳамаҷонибаи таҳлил ва банизомдарории омилҳои рақамикунонӣ анҷом дода шудааст. Методологияи муаллифии тарҳрезии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилию вазифавӣ ва вазифавию техникӣ (технологӣ) пешниҳод карда шудааст. Талаботи вазифавию техникии меъмории низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дақиқ карда шуда, қисматҳои сохтори он пешниҳод карда шудаанд.

3. Ба хотири рушди раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди онҳо таҳия карда

шуда, дар баробари равшан кардани муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ин механизм ба низом дароварда шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок карда шудааст. Собит карда шудааст, ки татбиқи механизми таҳияшуда имкон медиҳад, ки гузариши босифат ба идоракунии давлатии рақамӣ таъмин гардад, устувории институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёбад, сатҳи эътимод ба ҳокимият боло равад, сифати зиндагии шаҳрвандон беҳтар шавад.

4. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои асосӣ бо назардошти мушкилоти ҷойдошта ва самтҳои ояндадори рушди он муайян карда шудаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии табдили хизматрасониҳои давлатии электронӣ стратегияи идоракунӣ дар мавриди рақамикунонии иқтисодиёт ва идораи давлатӣ пешниҳод карда шудааст. Равишҳо ва усулҳои нави санҷидашудаи такмили таркиби хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии ташкили хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, амалияҳои пешқадами пешниҳоди онҳо ошкор карда ва ба низом даровара шудаанд. Омилҳои асосии татбиқи бобарори амалияҳои пешқадам муайян карда шуда, имконияти мутобиқсозии онҳо дар шароити институтсионалию технологии идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири беҳтар намудани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои давлатии электронӣ арзёбӣ карда шудааст.

6. Воситаҳои институтсионалию технологӣ ҳамчун замина барои пешниҳоди муносиби хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд, ки унсурҳои амнияти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи арзёбӣ ва назорати сифати хизматрасониҳо ва технологияҳои ҳамгирошудаи ташкили ҳамкориҳои байни мақомоти давлатӣ ва истифодабарандагонро дар бар мегиранд. Мушкилоти таъмини амнияти иттилоотӣ дар мамлакат вобаста ба авҷгирии таҳдидҳои

киберӣ ошкор ва зарурати ҳифзи маълумоти шахсии истифодабарандагони сомонаҳои давлатӣ асоснок карда шудааст.

7. Самтҳои стратегии рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, тавсияҳои илмию методӣ оид ба рушди механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешкаш карда шудааст. Дар асоси амсиласозии иқтисодӣ сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ бо назардошти омилҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва технологии рақамикунонӣ таҳия карда шудаанд.

8. Дурнамои оммавигардонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳия карда шуда, равандҳои зинавии он вобаста ба сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти мамлакат муқаррар карда шудаанд. Воситаҳо ва механизми афзоиши талабот ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ асоснок карда шуданд. Зарурати қабули «Стратегияи давлатии баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» асоснок карда шуда, оид ба ташкили Маркази алоҳидаи дастрасии ҷамъиятӣ ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шаҳру ноҳияҳо тавсияҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Муаллиф дастовард ва нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ, махсусан таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати рақамикунонии иқтисодиёт пешрафтаро оид ба таъмини рушди босубот барои хизматрасониҳои давлатии электронӣ эъҷодкорона истифода намудааст. Ҳамчунин маводи омори расмии нашршуда, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, маълумоти марказҳои имлӣ - таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ - амалиро доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда моҳирона мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар диссертатсия асосноккунии хулоса ва пешниҳод ва самти илмии он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷиро дар самти хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, муаммоҳои арзёбии вазъи муосири хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин ташаккул ва рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эъҷодкорона истифода намудааст.

Муаллиф бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳқиқот, аз ҷумла усули муқоисавӣ, таҳлилу синтез, таҳлили сохтории функсионалӣ, оморию иқтисодӣ, индексӣ, индуксия ва дедуксия имконият пайдо кардааст, ки ба ҳадафи асосии таҳқиқот – коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ муваффақ гардад.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро дастурҳо, барномаҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоқикистон, вазоратҳои соҳавӣ, асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводи конференсияҳои илмӣ - амалӣ ва ҳисобот, ки ба масоили ташаккули хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бахшида шудаанд, ташкил додаанд.

Навоварии илмии диссертатсия дар гузариш ва асосноккунии заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, методӣ оид ба такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, ҳамчунин тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ оид ба баланд бардоштани накш ва мақоми масъалаи мазкур дар шароити иқтисоди рақамӣ инъикоси худро меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф оид ба мавзуи баррасишаванда адабиёт ва дастовардҳои илмиро хело эҷодкорона истифода намуда, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба ҳадафи таҳқиқот гирд оварда, мавриди коркард ва таҳлили амиқ қарор додааст.

## 5. Ҳаҷм ва сохтори диссератсия

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва пешниҳод, руйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 392 саҳифаи матни компютериро, 40 ҷадвал ва 39 расм дарбар мегирад.

Сохтори кори диссертатсионӣ гузориши мақсаду вазифа, натиҷагирӣ ва мантиқии алоқамандии далели он аст, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо дарк намуда, ҷанбаҳои ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамиро илман асоснок намояд.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалия роҳандозӣ намудани механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ таъкид карда шудааст. Мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин фарзияи асосии он муайян карда шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ ва дигар ҷиҳатҳои муҳими диссертатсия оварда шудааст.

Дар **боби якуми** диссертатсия «Асосҳои назариявии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ», асосҳои назариявии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба низом дароварда шуда, хусусиятҳои асосии таснифот, инчунин асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди онҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, мавриди таҳқиқ қарор гирфтаанд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ аҳмияти хоса касб менамояд. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки татбиқи технологияи рақамӣ дар идоракунии давлатӣ имконияти иловагиро муҳайё ва равандҳои бюрократиро коҳиш дода, шаффофияти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро васеъ мегардонад. Ҳамаи ин дар навбати худ ба ислоҳоти муваффақ ва таҷдиди сохтори идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд, ки он барои беҳтар хизмат

расонидан ба шаҳрвандон шароит фароҳам меоварад. Илова бар ин, пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ бо тариқи электронӣ имконият медиҳад, ки роҳи алтернативии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ ва ҳамкорӣ бо давлат ба миён ояд. Аммо новобаста аз самаранокии зиёди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ имконияти гузариш ба шакли электронии хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи ТИК дар дараҷаи паст қарор дорад (саҳ 21).

Дар ин боби аввал ва зербобҳои алоҳидаи он, муаллифи диссертатсияи илмӣ тамоми масъалаҳои назариявии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамиро мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Унвонҷу дар зербоби якуми боби аввали диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки дар давоми солҳои охир бо мурури гузариш ба ҷамъияти иттилоотӣ тағйироти назаррас дар низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба вуҷуд омадаанд. Бо рушди демократия шаҳрвандони оддӣ аз давлат тақозо менамоянд, ки хизматрасониҳои давлатӣ сариваҷт ва бо хароҷоти камтар пешкаш шаванд. Асосан усулҳои анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ барои ноил шудан ба мақсади мазкур аз сабаби норасоии захираҳои зарурӣ то андозае дар сатҳи паст қарор доранд. Бинобар ин, масъалаи истифодаи ТИК барои пешниҳоди сариваҷтии онҳо мубрам гардидааст (саҳ 23 - 24).

Гузашта аз ин, муаллифи диссертатсия дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия дар ҷадвали 1.3 таснифоти нисбатан васеътар ва муфассали хизматрасониҳои давлатии электронӣ барои шаҳрвандон ва корхонаҳо оварда асоснок намудааст (саҳ 50 - 51).

Дар зербоби сеюми боби аввали диссертатсия бошад унвонҷу ба маврид қайд менамояд, ки роҳандозии ислоҳоти сариваҷтӣ дар самти рақамикунонии фаъолияти идораҳои давлатӣ самаранокии кори онҳоро дучанд гардонида, ниҳоди технологии ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои давлатии электрониро таъсис медиҳад, ки заминаи муҳими институтсионалӣ дар ин раванд ба шумор меравад (саҳ 62).

Дар **боби дуюми** таҳқиқот бошад унвончу «Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи раванди ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонӣ». Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф таҳқиқи равишҳои методологии ташкили низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ амалӣ намуда, методикаи тарҳрезии низоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешниҳод ва асоснок намудааст (саҳ 77).

Ҳамзамон дар зербоби дуюм боби дуюми диссертатсия муаллиф, раванди методологии меъмории низоми иттилоотӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро дар шакли расм таҳия ва пешниҳод намудааст, ки ҳангоми тарҳрезии намунаи портали ҳукумати электронӣ истифодаи методологияи озмоишии тарҳрезӣ имкон медиҳад, низоми иттилоотие эҷод карда шавад, ки ба принсипҳои асосии равиши низом мувофиқат кунад. Ҳамин тариқ, барномаҳои равандҳои ба низом воридшуда ва дар чорчӯбаи он тарҳрезишуда имкон медиҳад, ки аз татбиқи онҳо самараи синергетикӣ ба даст ояд. Зеро он ғайр аз равандҳои асосии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар ин раванд алоқаи байни сохторҳоро низ таҷассум менамояд (расми 2.11. саҳ 117).

Бо ин гуфтаи муаллиф пурра рози шудан мумкин аст, зеро маҳз татбиқи принсипи зинасохтор дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ягонагии сохтори меъмориро дар сатҳҳои гуногуни мақомот таъмин менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки зимни истифодаи равиши аутсорсинг дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ мушкилоти идоракунӣ, ташкилӣ, технологӣ, иҷтимоӣ пеш меоянд, ки таснифи онҳоро ҷудо намуда ва нақши калидии доштани онҳоро асоснок намудааст (расми 2.4. саҳ 99).

Муаллиф дар саҳифаи 124 дуруст қайд мекунад, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, механизмҳои фаъолияти хизматрасониҳои давлатии электронӣ намудҳои гуногуни маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, шарикии давлат ва бахши

хусусӣ, истифодаи амсилаи даври зисти хизматрасониҳо ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориро ба раванди рақамикунонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар бар мегиранд. Истифодаи чунин механизмҳо ба давлат имкон медиҳад, ки на танҳо хароҷотро бо роҳи рақамикунонии равандҳо коҳиш дода, муомилоти коғазиро аз байн бардорад, балки тавассути васеъ кардани пойгоҳи андозӣ, то ҳадди ниҳой коҳиш додани сатҳи ғайрирасмӣ дар иқтисодиёт ва суръат бахшидани тартиботи маъмурии сарчашмаҳои даромади буҷети давлатро зиёд намояд.

Дар **боби сеюми** диссертатсия «Вазъи муосир ва тамоюли рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ», арзёбии вазъи муосири хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба аҳолӣ ва рушди он дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт бо истифода аз услуҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки бо вуҷуди аҳамияти баланди ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, нусхабардории носанҷидаи таҷрибаи хориҷӣ дар гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад ба таври худкор ба беҳтар шудани сифати ҳамкории давлат бо шаҳрвандон оварда расонад. Ҳар як давлат дар ин раванд бояд ниёзҳо, имкониятҳо ва хусусиятҳои миллии иҷтимоию иқтисодии худро ба инобат гирад. Аз ин рӯ, барои рушди устувори низоми хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, тақвияти ҳамкории сеҷонибаи байни давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа аҳамияти калидӣ дорад (саҳ 151).

Дар зербоби якуми боби сеюм муаллиф вазъи муосири рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ таҳқиқи дараҷаи рушди алоқаи мобилӣ ва собит дар мамлакатро мавриди арзёбии дуруст қарор додааст, ки қиммати зичии алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ба 5,2 нафар аз сад нафар аҳолӣ баробар буд, ки хеле нокифоя аст. Гарчанде хусусияти кӯҳии

мамлакат афзалшумории аҳолиро ба хизматрасониҳои мобилӣ зиёд намудааст ва бақайдгирии аҳолӣ дар ин бахш 79,18 нафар одамро аз 100 фаро мегирад. Аммо, дар баробари ин, ҳоло ҳам сатҳи воридшавии хизматрасониҳои фаррохи Интернетӣ дар мамлакат дар дараҷаи паст қарор дорад. Зеро тибқи маълумоти оморӣ, ин нишондиҳанда дар соли 2024 43,18%-и истиқоматкунандагони мамлакатро фаро мегирифт. Ин гувоҳи он аст, ки интернети фаррохмаҷро барои электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ ҳоло ҳам кафил буда наметавонад (саҳ 159).

Дар зербоби дуюми боби сеюми саҳифаи 192 – и диссертатсия унвонҷу ба маврид қайд менамояд, ки рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва пешниҳоди онҳо тариқи электронӣ бояд ҳамчун воситаи баланд бардоштани шаффофият, масъулият ва самаранокии муассисаҳои давлатӣ баррасӣ шавад. Татбиқи принсипҳои таваҷҷуҳ ба муштариён, ошкоро будани иттилоот ва ҳамкории байниидоравӣ монеаҳои бюрократиро коҳиш медиҳад, хароҷотро ҳам барои давлат ва ҳам барои шаҳрвандон коҳиш медиҳад ва сатҳи эътимоди шаҳрвандонро ба мақомоти давлатӣ баланд мебардорад. Дар зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия муаллиф ба таҷрибаи хориҷии мамлакатҳои ИМА, Британияи Кабир, Эстония, Булғолия, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Федератсияи Россия оид ба ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамиро омӯхта, чунин хулосагузорӣ намудааст, ки таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ барои ҷумҳурии мо арзишманд ва муфид аст. Муаллиф ба истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ диққат дода пешниҳод менамояд, ки ин таҷриба имкон медиҳад, ки мушкилоти хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ самаранок ҳал карда шуда, барои бомуваффақият татбиқ намудани таҷриба, хусусиятҳои вазъи хизматрасониҳои давлатии электронӣ, инчунин бартараф намудани монеъаҳо ва мушкилот дар рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ хулосаву пешниҳодҳои муфид намудааст (саҳ 192-206).

Муаллиф дар **боби чорум** «Дурнамои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» бо рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, диққати махсус зоҳир намуда, дар зербоби аввали ин боб ба таҳқиқи мамасъалаҳои зерин диққати ҷиддӣ додааст: таъмини амнияти иттилоотии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити муосир, соҳаи амнияти иттилоотӣ дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ ба яке аз соҳаҳои мубрам мубаддал гардида, бо суръати тез дар ҳоли инкишоф мебошад. Ин соҳа хоси тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барои тамоми бахшҳои рақамишудаи иқтисодиёт афзалияти ногусастанӣ дорад. Дар ин раванд дар байни дигар омилҳо ба эътимоди аҳолӣ ва корхонаҳо ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ сатҳи амнияти иттилоотии портали электронии хизматрасониҳо ва барномаҳои дар ин раванд истифодашаванда таъсири назаррас мерасонанд. Дар зербоби дуюми боби чоруми диссертатсия, муаллиф ба маврид ишора намудааст, дар раванди муосири рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум ва рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ дар алоҳидагӣ, татбиқи технологияи муосири зеҳни сунъиро зарурати махсусро касб менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ аввалин мамлакатест, ки Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ қабул намудааст. Қабули «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040» дар асоси пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардида, дар самти таъсиси IT-паркҳо ва рушди рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат нақши муассир мегузорад. Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ озмоишгоҳи зеҳни сунъӣ бо номи «TajRupt» фаъолият менамояд, ки дар таҳияи барномаҳо ва кор дар самти зеҳни сунъӣ нақши бориз дошта, тавонмандсозии ҷавонони мамлакат дар соҳаи зеҳни сунъӣ аз ҳадафҳои асосии таъсиси ин озмоишгоҳ маҳсуб мешавад. Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамасола плафторма ва таҷҳизоти нави кор ба зеҳни сунъӣ таҳия шуда истодаанд. Дар баробари ин, соҳаҳои татбиқи онҳо низ афзуда истодаанд, ки соҳаи хизматрасониҳои

давлатӣ дар ин ҷода дар канор нест. Дар зербоби сеюми боби чоруми диссертатсия унвонҷу, сараввал хусусиятҳои арзёбии сифати хизматрасониҳои давлатии электрониро таҳқиқ намуда, ҳамзамон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида методология, усулҳо ва амсилаҳои арзёбӣ ва мониторинги сифати хизматрасониҳои давлатиро таҳқиқоти зиёди илмӣ гузаронида шуда, робитаи байни сифати хизматрасониҳо ва самаранокии пешбурди истеҳсолот ва истеъмолотро муайян намудааст (саҳ 207-253).

Дар **боби панҷуми** диссертатсия муаллиф ба масоили «Самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» диққати зарурӣ дода, дар ин асно дар зербоби аввал, тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ, механизми гузариш ба низоми электронии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки боиси дасгирист (расми 5.1 саҳ 281). Дар зербоби дуюми боби панҷум, масоили амсиласозии иқтисодӣ ва сенарияҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ аз ҷумла ҷанбаҳои алоҳидаи ояндабинии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ ошкор ва пешниҳод гардида ва принсипҳои асосии ояндабиниии равандҳои идоракунии давлатӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст (саҳ 293-294). Ва дар зербоби ниҳоии боби панҷуми диссертатсия унвонҷу ба мавриди қайд менамояд, ки барои он ки хизматрасониҳои давлатии электронӣ оммавӣ карда шаванд, муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла такмили барномаҳои таълимӣ, беҳтар намудани инфрасохтори техникӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба платформаҳои рақамӣ зарур аст. Дар баробари ин давлат бояд ба барномаҳои баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, бахусус одамони солхӯрда сармоягузорӣ кунад. Инҳо метавонанд курсҳои таълимии онлайнӣ ё семинарҳо ва тренингҳои офлайнӣ бошанд. Рушди технологияҳои рақамӣ, хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи муосир табдил меёбанд. Аммо барои он, ки ин гуна хизматрасониҳо муассир амалӣ шуда, барои ҳар як шаҳрванд дастрас

бошанд, бунёди инфрасохтори қавӣ ва дастрас лозим аст. Рушди шабакаи Интернет ва таъмини дастрасӣ ба Интернети фарохмаҷро дар минтақаҳои дурдаст ба таъмини дастрасии баробари ҳамаи шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ мусоидат мекунад (саҳ 327).

Дар хулосаи диссертатсия муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти назариявии диссертатсия ва ба ғани гардонидани назарияҳои илмии рушди устувор ва иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд. Дастовардҳои таҳқиқотро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳангоми коркарди барномаҳои рушди соҳа дар асоси ба инобат гирифтани рақамикунони иқтисодиёт метавонанд истифода баранд.

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои илмии кор дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни хизматрасониҳои давлатии электронӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, ҳамчунин дар коркарди нақшаву барномаҳои рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода карда мешавад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар ҷараёни таҳия ва татбиқи стратегрияҳо, такмили хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ истифода бурда мешавад. Ҷузъҳои алоҳидаи кор, ки дар худ тавсияҳои назариявӣ доранд дар таълими фанҳои «Ҳукумати электронӣ», «Хизматрасониҳои давлатии электронӣ», «Иқтисоди рақамӣ»,

«Бехатарии иттилоотӣ» ва «Системаи иттилоотии ягонаи гумрукӣ» ва ғайра истифода бурда мешаванд.

**7.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Мақолаву асарҳои инкишофёфтаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамояд. Аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ 62 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**8.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ - назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бар меоянд ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу мебошад.

**9. Эъродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Новобаста аз дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоӣ мавҷуд мебошад. Чунончӣ:

1. Новобаста аз оне, ки дар диссертатсия заминаи назариявии танзими хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таври васеъ баррасӣ гардида бошадҳам, дар баъзе мавридҳо робитаи мантиқии байни мафҳумҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳлили амалӣ ба таври зарурӣ возеҳ инъикос наёфтааст. Хуб мешуд, ки агар муаллиф дар алоҳидагӣ ин нуктаҳоро шарҳ медод.

2. Таҳлили таҷрибаи хориҷии татбиқи хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, имкониятҳои мутобиқсозии самараноки он ба шароити хоси рақамикунонии хизматрасониҳои давлатии электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонистанд бо таҳлили муқоисавии амиқтар асоснок гарданд.

3. Хуб мешуд, ки дар кори диссертатсионӣ робитаи байни омилҳои таъсиррасон ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ба таври пурра нишон дода мешуд.

4. Дар зербоби сеюми боби панҷуми диссертатсия, ҷадвали 5.5. – сатҳи рақамикунонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бахшҳои иқтисодиёт мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, ин хуб аст. Агар ҳар як қисмати бахшҳои алоҳидае, ки оварда шудааст дар алоҳидагӣ таҳлили пурраи худро меёфт, боз ҳам беҳтар мегардид, ки ин сифати кори илмиро баланд мебурд.

5. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои ороишӣ ва ҷумлаҳои таҳрирталаб вомехӯранд.

Вале метавон қайд кард, ки камбудиҳо ва норасоиҳои ҷойдошта аҳамият қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунад ва хусусияти тавсиявӣ

дорад. Сохтори диссертатсияи докторӣ аз нуқтаи назари мантиқи дуруст буда, диссертатсия дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Ҳабибуллозода М.Ҳ. дар сатҳи зарурӣ омода карда шуда, аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботи мавҷуда буда, натиҷаи фаъолияти мустақилона ва баитмомрасонидаро нишон медиҳад.

Умуман, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31,33,34 ва 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Аз ин лиҳоз, Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода З.Ф.
«__4__»__08__соли 2026

Имзои Раҳмонзода З.Ф. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати ДТТ Абдуназаров А.
«__4__»__08__соли 2026

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе куч. Н. Қарабоев 63/3
Тел.:+992 (37) 234-79-87. Факс: +992 (37) 234-79-88
E-mail: rectorat - tut@mail.ru Сомонаи расмӣ: www.tut.tj
E-mail: rzoir@mail.ru